Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи "Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Сармоягузорӣ яке аз бахшҳои муҳим дар рушду пешравии иқтисодиёти кишвар ва вилояту минтақаҳои онҳо бисёр муҳим ба ҳисоб меравад. Барои рушду пешравии иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он монеаҳои зиёд вуҷуд дорад. Бояд зикр намуд, ки мо ҳамаи минтақаро минтақаҳои мушкилотдор гуфта наметавонем, зеро минтақаҳои мушкилотдор ҳамон минтақаҳо баҳисоб мераванд, ки аз ҳал намудани мушкилоти иҷтимоию иқтисодии худ мустақилона набаромада, ба дастгириҳои давлатӣ эҳтиёҷ доранд.

Яке аз мушкилоти асосии сиёсати сармоягузорӣ барои ҳамаи минтақаҳо ин ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузорӣ мебошад, ки масъалаи мазкур мунтазам дар мадди назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ қарор мегирад. Дар айни замон, якчанд роҳҳои эҳтимолии ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ мавҷуданд, аммо бояд қайд кард, ки на ҳамаи онҳо метавонанд дар минтақа тағйирот ворид кунанд. Яке аз нишондиҳандаи асосии муайянкунандаи ҷолибияти сармоягузорӣ ин иқтидори сармоягузории минтақа мебошад

Мавриди зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ ва чоп шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар автореферат механизми молиявии танзими ҳавасмандиҳои фаъолияти сармоягузориҳо дар вилоят мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф иброз медорад, ки механизми

молиявии таъмини сармоягузориҳо аз навъҳои васоити идоракунии захираҳои молиявӣ, усулҳо, воситаҳо, фишангҳо, ҳавасмандкуниҳо ва таҳримҳои молиявӣ иборат буда, муаллиф онро дар шакли расм таҳия кардааст.

Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ таҳия шудааст, баъзе эродҳо дорад, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Дар автореферат сохтори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо (расми 2) дарҷ гардидааст. Хуб мешуд, агар муаллиф механизми рақамикунони молиявиро пешниҳод менамуд.

Дар маҷмуъ, қайд кардан лозим аст, ки эроди овардашуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши назариявию методологӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, хулоса менамоем, ки автореферати диссертатсияи номзадии Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар сатҳи баланди илмӣ иҷрошуда ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., дотсент мудири кафедраи идоракунии
молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев М.Н.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33. АИДНПҶТ
Тел:918-11-96-48, E-mail: dostiev 68@mail.ru

“Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Досиев М.Н. -ро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
АИДНПҶТ Зоирхонзода Ф.З.